**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон осорхонаҳо ҳамчун муассисаҳои илмӣ-фарҳангӣ пеш аз ҳама дар пешбурди сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, инъикоси таъриху фарҳанг ва анъанаҳои миллии тоҷикон саҳмгузор мебошанд. Аз ин рӯ, таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти осорхонаҳо дар кишвар як амри зарурист.

Барои иҷрои ин вазифаи мушкил тибқи дастурҳои мавҷуда ва таҷрибаи ҳосилшуда ташкил намудани экспозитсияҳо яке аз беҳтарин воситаҳои фаъолияти намоишӣ ва тарғиботии осорхонаҳо мебошад.

Бо дарназардошти муҳиммияти нақши осорхонаҳо дар ҷомеаи Тоҷикистон интихоб ва таҳқиқу баррасии мавзуи **«Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)»** аз ҷониби муҳаққиқ Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович иқдоми бисёр саривақтӣ ва муҳим мебошад. Зеро, дар замони муосир осорхонаҳо ҳамчун муассисаҳои илмӣ-фарҳангӣ дар самти ҷамъоварӣ ва ҳифзу нигоҳдории осори таърихӣ ва махсусан, муаррифии шоистаи таъриху фарҳанги миллӣ нақши хело муҳим ва назаррас доранд.

Бояд қайд намуд, ки пажуҳиши фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳимми таърихӣ, фарҳангӣ ва илмӣ доранд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми фаъолияти экспозитсионӣ аз ҷониби муаллиф ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Албатта, ин пажуҳиш барои равшан намудани бисёре аз ҷанбаҳои фарҳанги миллии тоҷикон ва рушди масъалаҳои осорхонашиносӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Аз омӯзиши матни автореферати диссертатсия бар меояд, ки диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда таълифоти интишорнамудаи муаллиф иборат мебошад.

Дар **муқаддима** роҷеъ ба аҳамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, мақсад ва ҳадафҳо, сарчашмаҳои асосии таҳқиқ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ, навгониҳои илмии таҳқиқ, методи

таҳқиқ, саҳми шахсии муаллиф, масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Экспозитсия ва аҳамияти он дар фаъолияти осорхонаҳо»** унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур масъалаҳои асосии ташкили роҳҳои дурусти экспозитсияи осорхонавӣ аз назари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ороиши бадеӣ, истифодаи технологияи муосир, танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рушноӣ дар экспозитсияи осорхонавӣ мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ»** номгузорӣ шудааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат буда, дар он экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ташкили намоиши осорхонавӣ ва намудҳои он, намоишҳои сайёр, байналмилалӣ ва маҷозии осорхона таҳлилу барравсӣ шудаанд. Муҳаққиқ дар ин боби рисола ба таври зарурӣ маводҳои муҳими илмиро ҷамъоварӣ, гуруҳбандӣ, муқоиса ва таҳқиқ намуда, ҳар яки онҳоро вобаста ба намудҳои намоиш истифода бурда, мавриди пажуҳиш қарор додааст.

**Хулосаи** автореферат ба шакли илмӣ натиҷагирӣ ва ҷамъбаст гардидааст, ки мазмуну мундариҷаи бобу фаслҳои кори диссертатсиониро пурра инъикос менамояд. Инчунин, анататсияи мухтасари диссертатсия бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири матни автореферат оварда шуда, муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро ба таври фарогир ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович кори баанҷомрасида буда, мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштаи муҳаққиқ иҷро шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, инчунин, дар матни автореферати диссертатсияи баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки ба андешаи моислоҳи онҳо дар нашри ояндаи кор ба манфиат хоҳад буд:

1. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба таври мукаммал муайян карда нашудааст.
2. Дар боби якуми автореферати диссертатсия маълумоти умумии назариявӣ хело зиёд истифода шудааст. Хуб мешуд ин қисмати боби диссертатсия камтар карда шавад.
3. Дар матни автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ, аз ҷумла дар дар саҳифаҳои 4, 7, 11, 13, 20, 21, 24 дида мешавад.

Албатта, камбудиву нуқсонҳои зикршуда характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва арзиши илмии авторефератро коҳиш дода

наметавонанд.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти анҷомдодаи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар бахши фаъолияти экспозитсионӣ-намоишии осорхонаҳо муҳим ва саривақтӣ буда, дастовардҳои илмии он дорои аҳамияти назарӣ ва амалии корбурдӣ мебошанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи **«Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик солҳои (1991-2021)»** таҳқиқоти анҷомёфта буда, он ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг сазовор аст.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои таърих, дотсент,
Сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Миракзода Ф. Ю.

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев, бинои 70, ҳуҷраи 48
Тел: (+992) 934137333
E-mail: faridun.mirakzoda@mail.ru

Имзои дотсент Миракзода Ф.Ю.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.
“08” майи соли 2024

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонии муассиса:**
734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиева 17/6.
Тел: (+992 37) 232-50-00; 232-87-30
Сомона: https://dbz.tj/
E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru